ТАСДИҚ МЕКУНАМ
Директори Институти фалсафа,
сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқӣ ба номи
А.Баҳоваддинови Академияи миллии
илмҳои Тоҷикистон, н.и.ф.,дотсент
_______________ Назар М.А.
«14» ноябри с. 2022

**ХУЛОСАИ**
**Шуъбаи сиёсатшиносии**
**Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**

Диссертатсияи Тағоева Рухсора Расуловна дар мавзӯи «Сиёсати давлатии забон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хусусиятҳои он дар шароити соҳибистиқлолӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ дар шуъбаи сиёсатшиносии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон омода гардидааст ва ба шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 -Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ мувофиқ аст.

Дар раванди омода гардидани диссертатсия Тағоева Рухсора Расуловна аспиранти шуъбаи сиёсатшиносии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон маҳсуб меёфт. Айни замон ӯ ба ҳайси сардори шуъбаи умумӣ, кадрҳо ва таъминоти ҳуқуқии Муассисаи давлатии «Ташаккул ва рушди соҳибкории Тоҷикистон» фаъолият намуда истодааст.

Тағоева Рухсора Расуловна соли 2017 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси «сиёсат ва идораи давлатӣ» хатм намудааст.

Дар давраи аспирантӣ имтиҳонҳои номзадиро бо муваффақият супоридааст. Имтиҳони номзадӣ аз фанни таърих ва фалсафаи илм 04.06.2018 бо баҳои 4 (хуб) аз фанни забони хориҷӣ (русӣ) 22.06.2018 бо баҳои 4 (хуб), аз фанни забони хориҷӣ (англисӣ) 06.06.2019 бо баҳои 4 (хуб), ва аз ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технолоғияҳои сиёсӣ 24.01.2020 бо баҳои 5 (аъло) супорида шудаанд.

Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.02.2020, №678 ба Тағоева Р.Р. маълумотнома дар бораи имтиҳонҳои номзадӣ додааст.

**Роҳбари илмӣ** – Муҳаммад А.Н. - доктори илмҳои сиёсӣ, профессор, узви вобастаи АМИТ.

Диссертатсияи Тагоева Рухсора Расуловна дар ҷаласаи васеи шуъбаи сиёсатшиносии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон муҳокима гардида, барои ҳимоя тавсия шудааст. Дар раванди муҳокимаи диссертатсия иштирок намуданд: доктори илмҳои фалсафа, профессор Хидирзода М.У., доктори илмҳои фалсафа, профессор Саидов А.С., номзади илмҳои фалсафа, дотсент Назар М.А., доктори илмҳои сиёсӣ, профессор Муҳаммад А.Н., доктори илмҳои сиёсӣ, профессор Искандаров А., номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент Ҳакимов Р.М., номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент Сафарализода Х.Қ., номзади илмҳои сиёсӣ Муродов С.А., номзади илмҳои сиёсӣ Саидова Ф.С., номзади илмҳои сиёсӣ Додихудоев Х.А., ходими хурди илмӣ Саймаҳмадов Л.Н., ходими хурди илмӣ Ким В.М., аспирантон Ҳасанова М.М. ва Тағоева Р.Р.

Шуъбаи сиёсатшиносии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон диссертатсияи Тағоева Рухсора Расуловнаро муҳокима ва баррасӣ намуда, хулосаи зеринро пешниҳод намуд:

Диссертатсияи Тағоева Рухсора Расуловна ба омӯзиши яке аз масъалаҳои муҳимтарини замони муосир бахшида шуда, дар он паҳлуҳои гуногуни сиёсати забони давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хусусиятҳои он дар шароити соҳибистиқлолӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд.

**Муҳимияти омӯзиши мавзӯъ.** Дар раванди нави ҷаҳонишавӣ ва зери таъсири тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ қарор ёфтани рафтори одамон ва гуногунзабонии аксари кишварҳои олам боз ҳам фаъолияти онҳоро дигаргун карда истодааст. Дар чунин шароит забон ҳамчун воситаи муоширот мавқеи худро тағйир дода, ба сифати яке аз масъалаҳои асосӣ миёни пажӯҳишгарону олимони соҳаҳои гуногун муҳимияти хоси илмӣ пайдо карда истодааст. Ҳамзамон, масъалаи сиёсати забон ва омӯзиши паҳлуҳои гуногуни он дар шароити соҳибистиқлолӣ хусусияти нав зоҳир карда истодааст. Муҳимияти асосии таҳқиқот дар он ифода мегардад, ки бори нахуст нақш ва мавқеи забони тоҷикӣ ҳамчун забони давлатӣ ва таъсири он ба идеологияи миллӣ дар доираи илмҳои сиёсӣ мавриди омӯзишу баррасӣ қарор мегирад.

Масъалаи сиёсати забон ва омӯзиши паҳлуҳои гуногуни он дар шароити соҳибистиқлолӣ хусусияти нав зоҳир карда истодааст. Муҳимияти асосии таҳқиқот дар он ифода мегардад, ки бори нахуст нақш ва мавқеи забони тоҷикӣ ҳамчун забони давлатӣ ва таъсири он ба идеологияи миллӣ дар доираи илмҳои сиёсӣ мавриди омӯзишу баррасӣ қарор мегирад.

Муаллиф дар кори диссертатсионии худ муҳимияти пажӯҳиши сиёсати забони давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хусусиятҳои онро хело

бомаврид нишон додааст. Қайд карда мешавад, ки сиёсати давлатӣ чи гунае ки бошад, сиёсати забон низ дар алоқамандӣ бо он сурат мегирад. Ҳамин тавр, таҷрибаи таърихии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бобати сиёсати забон ва рушди минбаъдаи самти мазкур дар шароити соҳибистиқлолӣ боз ҳам аҳамият ва нақши калидии мавзӯи мазкурро муҳим арзёбӣ менамояд.

**Навоварии илмии тадқиқот:** Дар раванди таҳлилу таҳқиқи кори диссертатсионӣ чунин навовариҳоро нишон додан мумкин аст:

- асосҳои илмию назариявӣ ва методологии сиёсати давлатӣ дар соҳаи забон муайян карда шудааст;
- хусусиятҳои таърихию сиёсии сиёсати забонӣ дар шароити тағйирёбии ҷомеа мавриди таҳқиқ қарор дода шуда, мазмуну моҳияти он баррасӣ гардидааст;
- раванди муосири сиёсӣ ва забонӣ таҳлил ёфта, хусусиятҳои он асоснок карда шудааст;
- сиёсати давлатӣ дар соҳаи забон яке аз унсурҳои таркибии идеологияи миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шуда, мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст;
- мақом ва нақши Истиқлолияти сиёсӣ дар рушди забони давлатӣ ба таври васеъ таҳлил карда шудааст.

Муаллиф қайд намудааст, ки масъалаи сиёсати давлатии забон яке аз мавзӯъҳои муҳим буда, он ҳанӯз аз ҷониби муҳаққиқони ҷомеашинос мавриди таҳқиқи илми сиёсӣ қарор нагирифтааст ва ба таври пурра омӯхта нашудааст. Бо вуҷуди он ки самтҳои гуногуни инкишофи забонро муҳаққиқони забоншиноси тоҷик мавриди таҳлил қарор додаанд, аммо масъалаи сиёсати забон ва мавқеи забони давлатӣ аз нуқтаи назари илмҳои сиёсӣ ҳанӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври бояду шояд таҳқиқ қарор нагирифтааст.

Дар кори диссертатсионӣ аз адабиёт ва сарчашмаҳои илмии вобаста ба ин масъала мавҷуда, мутобиқи самтҳои асосие, ки мавриди пажуҳиш ва истифода қарор гирифтаанд, ба чор гуруҳи асосӣ ҷудо карда шудаад:

1. Муҳаққиқони хориҷӣ, ки самтҳои гуногуни масъалаҳои сиёсати забониро мавриди таҳлил қарор додаанд. Махсусан, Вахтин Н.Б., Головко Е.Б., Кобенко Ю.В., Москвичева С.А. ва чанде дигарон.
2. Муҳаққиқони ватанӣ, ки дар таҳқиқотҳои худ кӯшиш намудаанд, ки паҳлуҳои гуногуни масъалаҳои марбут ба забон ва самтҳои гуногуни онро мавриди омӯзиш қарор диҳанд. Махсусан, дар ин бобат нақши муҳаққиқони тоҷик ба монанди Абдуқодиров А., Сайидзода З., Зокиров Г.Н., Муҳаммад А.Н., Нозимов А.А., Назарзода С., Саймиддинов Д., Таджиев Д.Т., Ҷураев Ғ., Ходжиматова Г.М., Усмонов И., Шамбезода Х.Д., Ятимов С., Раҳимӣ Ф. ва дигарон назаррас мебошад.

3. Ба гурӯҳи сеюм асарҳо ва суханрониҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дохил карда шудааст. Зеро Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамеша ба масъалаи сиёсати забон таваҷҷуҳи хосса менамоянд ва дар ҳама суханрониҳову баромадҳои хеш ҳамеша масъалаи забони давлатиро муҳим арзёбӣ менамоянд.

4. Ба гурӯҳи чорум санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон шомил гардидааст, ки онҳо заминаи асосии омӯзиши масъалаи мазкур ба ҳисоб меравад.

Дар маҷмуъ натиҷаҳои таҳқиқот, хулосаҳои илман асоснокшуда ва умуман маводи диссертатсия дар раванди таълими фанҳои сиёсатшиносӣ, амнияти миллӣ, амнияти иттилоотӣ, метавонанд истифода бурда шаванд. Инчунин натиҷаҳои таҳқиқот барои муҳаққиқоне, ки ба омӯзиши дигаргуниҳои сифатӣ ва равандҳои сиёсии замони муосир машғуланд, аҳамияти илмию назариявӣ доранд.

Инчунин хулосаҳои таҳқиқоти мазкурро дар самти таҳияи барномаҳои давлатӣ ва стратегияҳои давлатӣ истифода намудан мумкин аст.

Эътимоднокии натиҷаҳои бадастомада ва хулосаҳои муаллиф ба воситаи илмияти диссертатсия, методология ва методҳои истифодашуда, адабиёти илмии истифодашуда ва аз ҷониби муаллиф мустақилона мавриди омӯзиш қарор гирифтани мавзӯи таҳқиқотӣ асоснок карда мешавад.

Муаллиф дар ҳамаи марҳилаҳои таҳқиқот иштирок намуда, натиҷаҳои пажуҳиши худро дар шакли мақолаҳои илмӣ чоп намудааст. Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар панҷ мақолаи илмии муаллиф чоп гардидаанд. Мазмуну мундариҷаи диссертатсия ба талаботи муқаррааргардида ҷавобгӯ буда, таҳқиқоти илмии анҷомёфта ба шумор меравад. Автореферати диссертатсия муҳтавои асосии таҳқиқоти мазкурро пурра ифода менамояд.

Мазмуни асосии тадкиқоти диссертиатсионӣ дар мақолаҳои зерини муаллиф баён шудааст:

1. Тағоева, Р.Р. Масъалаҳои назариявию методологии сиёсати забони давлатӣ / Р.Р.Тағоева // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи Баҳоваддинови Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон – 2018. – №1 –С.92-98. ISSN 0235 – 005X

2. Тагоева, Р.Р. Сиёсати забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хусусиятҳои он/ Р.Р.Тағоева // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи Баҳоваддинови Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон – 2018. – №3 – С.144-148. ISSN 0235 – 005X

3. Тағоева, Р.Р. Масъалаҳои назариявию методологии сиёсати забони давлатӣ / Р.Р.Тағоева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2019. - №4 - С. 318-324. ISSN 2413 – 5151.

4. Тағоева, Р.Р. Баъзе хусусиятҳои байналмилалии забони тоҷикӣ ва дурнамои инкишофи он / А.Н. Муҳаммад, Р.Р. Тағоева. // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи Баҳоваддинови Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон – 2019. - С.119-125. – №3 ISSN 0235 – 005X

5. Тағоева, Р.Р. «Нақши забони тоҷикӣ дар ташаккули ғояи миллӣ/ Р.Р.Тағоева// Ахбори Донишғоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон. – 2019. - №4 (81). – С. 157 – 164. ISSN 2411-1945.

Ҳамин тариқ, Тагоева Рухсора Расуловна аз ӯҳдаи анҷом додани таҳқиқоти илмӣ баромада, вазифаҳои дар назди худ гузошташударо пурра иҷро намудааст.

Диссертатсияи ӯ кори илмию таҳқиқотии мустақилона анҷомдодашуда мебошад, ки дар омӯзиши минбаъдаи сиёсати забони давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бартараф намудани монеаҳои дар ин самт мавҷудбуда саҳми арзанда мегузорад. Таҳқиқоти мазкур дар илмҳои сиёсии ватанӣ иқдоми хеле муҳим ба шумор рафта, барои омӯзиши масъалаҳои сиёсати забони давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамиятнок мебошад. Дар маҷмӯъ, мазмуну мундариҷаи таҳқиқот, маводи дар диссертатсия истифодашуда, ҷанбаҳои назариявию методологии диссертатсия бо ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ мувофиқат менамоянд. Диссертатсия аз рӯи натиҷаҳои назариявӣ ва хулосаҳои илмӣ, тавсияҳои амалӣ ва сатҳу сифати таҳияи худ ба талаботи муқаррарнамудани Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Тагоева Рухсора Расуловна дар мавзӯи: «Сиёсати забони давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хусусиятҳои он дар шароити соҳибистиқлолӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ барои гузаштани даври дуюми экспертизаи муассиса пешниҳод карда шавад.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи васеи шуъбаи сиёсатшиносии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон 01 ноябри соли 2022 қабул ғардидааст.

Дар ҷаласаи шуъба 13 нафар иштирок намуданд.

Натиҷаи овоздиҳӣ:

Тарафдор – 13 нафар;

Зид – нест;

Бетараф – нест;

Суратмаҷлиси № 12 аз 01 ноябри соли 2022.

Мудири шуъбаи сиёсатшиносии Институти
фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи
ба номи А. Баҳоваддинови Академияи
миллии илмҳои Тоҷикистон
Номзади илмҳои сиёсӣ ________ **Муродов С.А.**

Котиби ҷаласаи шуъбаи сиёсатшиносии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи
ба номи А. Баҳоваддинови Академияи
илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ________ **Ҳасанова М.М.**

Имзои **Муродов С.А.** ва **Ҳасанова М.М. -** ро тасдиқ мекунам.

Нозири калони шуъбаи кадрҳои Институти
фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи
ба номи А. Баҳоваддинови Академияи
илмҳои Тоҷикистон

________ **Шозедов Х.Н.**